# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Суҳроби Мирзоалӣ дар мавзуи «Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ.**

Диссертатсияи доктории Суҳроби Мирзоалӣ ба таҳқиқи журналистикаи байналхалқии тоҷик бахшида шудааст. Омӯзиши пайдоиш, ташаккул, равандҳо ва дурнамои журналистикаи байналхалқии тоҷик, махсусан, муайян намудани нақши ВАО-и байналхалқӣ дар муаррифии Тоҷикистон аз масъалаҳои мубрам ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Аз муҳтавои диссертатсия маълум мегардад, ки воситаҳои ахбори оммаи байналхалқии барои тоҷикон таъсис дода шуда, аз ВАО-и байналхалқии Тоҷикистон ва ВАО-и байналхалқии барои форсизабонон ташкилкардаи давлатҳои хориҷӣ ва абарқудратҳо, ВАО-и созмонҳои алоҳида ва муҳоҷирони форсизабон иборат аст, ки на танҳо дар журналистикаи байналхалқии имрӯза, балки дар марҳилаҳои баъдии соҳа низ дорои арзиши қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Инчунин дар ин диссертатсия дар баробари таҳқиқи шинохт, пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалқии тоҷик нақши журналистикаи байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи мусбати давлат ва миллат, муаррифии имконоти сайёҳии Тоҷикистон дар ВАО-и байналхалқӣ, таҳлили ҳолат ва дурнамои журналистикаи байналхалқии тоҷик, вазъи журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистон ва махсусияти инъикос ва таҳлили авзои олам барои аудиторияи тоҷикзабон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертант ҳангоми таълифи диссертатсия ва ҳалли масъалаҳои марбут ба мавзуъ аз равишҳои таҳқиқоти назариявӣ, муқоисавӣ, таърихӣ,

мантиқӣ, индуктивӣ, дедуктивӣ, диалектикӣ, равиши низомнок (систематикӣ), таҳлил ва ҷамъбаст, тарҷид (абстракт) ва умумиятдиҳӣ истифода намудааст.

Диссертатсияи Сухроби Мирзоалӣ аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳар як боби диссертатсия ба се фаслӣ тақсим шудаанд.

Диссертатсия дар журналистикаи тоҷик нахустин таҳқиқи фарогир марбут ба журналистикаи байналхалқии тоҷик буда, дар он бори аввал дар журналистикаи тоҷик омӯзиши шинохти журналистикаи байналхалқӣ, пайдоиш ва ташаккули он, проблемаҳои журналистикаи байналхалқии муосир дар доираи меъёрҳои таҳқиқии замони муосир ба таври густурда мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Илова бар ин дар диссертатсия нақши журналистикаи байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи мусбати давлат ва миллат ошкор карда шуда, муаррифии имконоти сайёҳии Тоҷикистон дар ВАО-и байналхалқӣ, таҳлили ҳолат ва дурнамои журналистикаи байналхалқии тоҷик, вазъи журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистон ва махсусияти инъикос ва таҳлили авзои олам барои аудиторияи тоҷик мушаххас гардидааст. Инчунин диссертант барои муайян намудани оғози журналистикаи байналхалқии тоҷик ба таҳқиқи нахустин рӯзномаи тоҷикӣ – «Бухорои шариф» рӯ оварда, онро ҳамчун гаҳвораи журналистикаи байналхалқии тоҷик муайян намудааст. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия, инчунин дар таълифоти марбут ба мавзуи мавриди назар анҷом додааш намудор аст, ки дар шакли монография, васоити таълимӣ ва мақолаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқи Мирзоалӣ С. маҷмуан қайд гардида, феҳристи адабиёт тибқи меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Дисертатсия ва автореферати Сухроби Мирзоалӣ дар мавзуи «Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо»

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 1 монография ва 37 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз он 21 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои илмии Русия ва 14 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ва маводди конфронсҳо ба табъ расидаанд, ки бо мазмун ва мавзуи диссертатсия мувофиқ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Сухроби Мирзоалӣ истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Суҳроби Мирзоалӣ дар мавзуи «Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз руйи

ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сухроби Мирзоалӣ дар мавзуи «Журналистикаи байналхалкии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз руйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмию таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи медиакоммуникатсияи факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;

– **Саидмурод Хоҷазод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Хасанова Тахмина Гаюровна** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи лингвистикаи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филология, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Солеҳов Нуралӣ Назарович

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филология,
узви шурои диссертатсионӣ Ғоибова Фируза Маҳмадовна

доктори илми сиёсатшиносӣ, профессори
кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон
«30» 06 соли 2026 с.